Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-013
назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон
(735700, ш. Хуҷанд, мкр-ни 17, х. 1)

ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ, н.и.и., дотсент Самадова З.А. ба диссертатсияи Бобоева Шаҳло Ғаниевна дар мавзуи «Минтақаи озоди иқтисодӣ дар низоми рушди индустриалӣ-инноватсионии вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионии Бобоева Шаҳло Ғаниевна дар мавзуи «Минтақаи озоди иқтисодӣ дар низоми рушди индустриалӣ-инноватсионии вилояти Суғд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод мегардад, дар он ифода меёбад, ки дар шароити муосир инноватсия тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти инсон ва ҷомеаро фаро мегирад ва ба рушди иқтисодиёт таъсири калон мерасонад.

Дар таъмини рушди инноватсионии иқтисодӣ ташаккули шаклҳои гуногуни минтақаҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла паркҳои индустриалӣ, паркҳои технологӣ, минтақаҳои саноатӣ, соҳибкории озод, минтақаи озоди иқтисодӣ мувофиқи мақсад аст. Чунин равиш дар иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои он барои баланд бардоштани самаранокии соҳаи коркарди ашёи хом, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, таҷдиди воситаҳои асосӣ, воридоти технологияҳои инноватсионӣ ва тақвияти рақобатпазирии маҳсулот ва дар маҷмуъ таъмини иҷрои ҳадафҳои стратегӣ имкон медиҳад. Яке аз механизмҳои таъсирбахши таъмини рушди инноватсионӣ таъсис додани минтақаҳои озоди иқтисодӣ буда, он дар рушди индустриалию инноватсионии иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои он нақши муҳим мебозад. Чунин ҳолат мубрамият ва саривақтии мавзуи интихобкардаи унвонҷӯйро тасдиқ менамояд.

Бобоева Шаҳло Ғаниевна соли 2012 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯйи ихтисоси муҳандис - иқтисодчӣ хатм намудааст.

Фаъолияти илмӣ-педагогии худро аз соли 2013 ба ҳайси ассистенти кафедраи математикаи олӣ ва технологияҳои инноватсионии факултети иқтисодиёт ва технологияҳои инноватсионии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд оғоз намуда, то ҳол дар ҳамин кафедра ҳамчун муаллими калон фаъолият дорад ва ҳамзамон унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории ҳамин муассиса ба қайд гирифта шудааст.

Кори диссертатсионии Бобоева Шаҳло Ғаниевна «Минтақаи озоди иқтисодӣ дар низоми рушди индустриалӣ-инноватсионии вилояти Суғд» аз муқаддима, 3

боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Рисолаи диссертатсионии Бобоева Шаҳло Ғаниевна, ки ба фаъолияти минтақаҳои иқтисодӣ дар низоми таъмини рушди индустриалии инноватсионӣ бахшида шуда, дар мисоли МОИ "Суғд" мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор дода шудааст, дар марҳилаи муосири рушди иқтисод басо актуалӣ ва муҳим мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум – "Асосҳои назариявии ташаккули минтақаҳои иқтисодӣ дар шароити муосир" - ҷабҳаҳои назариявии ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар шароити муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар асоси омӯзиши ҷабҳаҳои назариявии ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ унвонҷӯ муайян намудааст, ки минтақаҳо дар шароити муосири рушди кишварҳо нақши калидӣ мебозанд. Онҳо на танҳо имкони ҷалби сармояро бештар мекунанд, балки барои татбиқи ислоҳоти нав метавонанд чун майдони таҷрибавӣ бошанд. Дар ин минтақаҳо давлат метавонад роҳу усулҳои навро пеш аз татбиқи умумӣ бисанҷад ва агар муваффақ гардад, дар дигар қисматҳои кишвар низ татбиқ васеи онро ба роҳ монад. Пайваста ба он, муаллиф бар ақидаи он аст, ки минтақаҳои иқтисодӣ на танҳо як воситаи иқтисодӣ, балки як платформаи ҳамаҷонибаи рушд ва навоварӣ бояд дониста шавад, ки метавонад ба тағйироти мусбӣ дар иқтисоди миллӣ ва ҳам иҷтимоии кишвар такони воқеӣ бахшад. Дар асоси андешаҳои олимони соҳа унвонҷӯ таърифи худро пешниҳод намудааст, ки онро ҳамчун ҳудуди муайяни бо тарзи мақсаднок ҷудокардашудаи давлати соҳибистиқлол дар самти дастрасии ҳадафҳои аниқи аҳамияти стратегӣ дошта оид ба истеҳсолот, мубодила, тақсимот, инноватсиякунонӣ, интегратсиякунонӣ, вусъат бахшидани сармоягузорӣ муайян кардааст, ки бо фишангҳои махсуси имтиёзӣ аз ҷониби давлат танзим карда мешавад.

Дар боби дувум – "Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» дар рушди иқтисодиёти вилоят: вазъи муосир ва тамоюлот" - вазъи муосири минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» дар рушди иқтисодиёти вилоят ва тамоюлотҳо дар шароити муосир таҳқиқ карда шудааст. Дар ин қисмати диссертатсия унвонҷӯ асоснок намудааст, ки ташаккули минтақаҳои иқтисодии гуногун дар амалӣ гардонидани мақсадҳои мушаххаси рушд, алалхусус ҳадафҳои саноатикунонӣ, гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ, рақамикунонии ҷомеа саҳми назаррас дорад. Фаъолияти минтақаҳои иқтисодӣ дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегияи давлатӣ хеле бузург аст. Унвонҷӯ пешниҳод менамояд, ки барои беҳтар намудани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ як қатор чораҳо андешидан зарур

аст, аз ҷумла, тавсеаи имтиёзҳои андоз ва шартҳои имтиёзнок барои ҷалби сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии рушди соҳибкорӣ дар минтақа, инкишоф додани инфрасохтор, аз ҷумла системаҳои нақлиёт ва алоқа барои таъмини кори пурсамари корхонаҳо дар минтақа, дастгирии инноватсия ва тадқиқот, масалан, тавассути грантҳо ва озмунҳои навоварона, барои ҷалби ширкатҳои баландтехнологӣ ва таҳияи технологияҳои нав, тақвияти барномаҳои таълимӣ ва такмили нерӯи корӣ, барои таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифат ва омода кардани мутахассисони зарурӣ барои кор дар минтақа, риояи стандартҳои экологӣ ва татбиқи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза барои беҳтар кардани устувории экологии корхонаҳо дар минтақа, рушди ҳамкории мақомоти роҳбарикунандаи МОИ, доираҳои соҳибкорӣ ва давлат ҷиҳати мубодилаи таҷрибаи пешқадам, мусоидат ба рушди минтақа ва ғайра. Дар ин асно нақши субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши МОИ “Суғд” дар иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғд, ҳаҷми сармояи мустақим дар байни субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ ҷумҳурӣ, ҳаҷми хизматрасонӣ МОИ “Суғд” ва ҳаҷми корҳои сохтмонию гардиши мол, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар таркиби онҳо, мундариҷаи нишондоди интизорӣ ва омили тадқиқотӣ аз фаъолияти минтақаи озоди иқтиссодии мазкур муайян карда шуданд.

Дар боби сеюм – “Самтҳои афзалиятноки рушди минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” дар низоми инноватсионии минтақа” - самтҳои афзалиятноки рушди МОИ «Суғд» дар низоми инноватсионии минтақа мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Рушди соҳаи саноат, афзудани корхонаҳои саноативу истеҳсолӣ дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мавҷудияти инфрасохтори инноватсионӣ ва самарабахшии фаъолияти ҷузъҳои он вобастагии зич дорад. Дар марҳилаи муосири рушд, ки бо афзалият пайдо кардани ҳалли масъалаҳои муҳими рушди саноати миллӣ, татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръат, танзими гуногунсамтии иқтисодиёт ва баландбардории рақобатпазирии он тавсиф дода мешавад, ташаккул ва таъмини инфрасохтори рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар қаламрави МОИ ва ҳам берун аз он, мубрам ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин ташкил намудани минтақаҳои гуногуни иқтисодӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз он ҷумла дар вилояти Суғд, бевосита барои мустаҳкам намудани иқтидорҳои бахши хусусӣ замина мегузорад. Дар ин замина барои шаҳру ноҳияҳои алоҳида, ки дорои минтақаҳои иқтисодии гуногун мебошанд, дар масъалаи ташкили ҷойҳои кории нав, таъмини рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла дар доираи минтақаҳои озоди иқтисодӣ пешниҳодҳо оварда шудаанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо

далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам гардидаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолахои илмии нашргардида ва баромадҳои мухталиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Бобоева Шаҳло Ғаниевна дар мавзуи «Минтақаи озоди иқтисодӣ дар низоми рушди индустриалӣ-инноватсионии вилояти Суғд» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 бо тағйирот аз 26.06.2023, №295) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
дотсенти кафедраи сайёҳӣ ва соҳибкории
МД “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”-и
ДБССТ **Самадова З. А.**

Имзои н.и.и., дотсент Самадова Заррина Акрамҷоновнаро тасдик мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси МД “Донишкадаи
байналмилалии Хуҷанд”-и ДБССТ Раҳимов Н.И..

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, микроноҳияи 27, бинои №1, тел.:(+992) 927711342, e-mail: zarrina73@mail.ru

«27» 01 2025